## СУРАТҶАЛАСА

20 октябри соли 2023 № 1 ш. Душанбе

Соати баргузорӣ: $9^{00}$

**Раисикунанда –** директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Саидзода И.Ҳ.

**Иштирок намуданд:** - 20 нафар:
н.и.ҳ., дотсентон Саидзода И.Ҳ., Соҳибзода М.М., Маҳмадшозода Ф.А., Бобокалонов Ғ.М., ва Шарифзода Ф.Ш., Одиназода Ш.Х., Шеров Ш.З. ва дигарон.

## РӮЗНОМА

Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯйи Маркази миллии қонунгузорӣ Алиев Исмоил Исмонович

**Раисикунанда:** доир ба рӯзномаи ҷаласа таклифу пешниҳод ҳаст?
**Иштирокчиён:** таклифу пешниҳод нест.

**Қарор карда шуд:**

Рӯзномаи ҷаласа тасдиқ карда шавад.

**Раисикунанда:** Доир ба рӯзномаи ҷаласа қайд намуд, ки кори диссертатсионии Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи “Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Унвонҷӯ соли 2019 бо ихтисоси таърих ва ҳуқуқ, факултети таърих ва педагогикаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ва соли 2021 магистрро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон хатм намудааст, айни замон ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт

ва ҳамзамон унвонҷӯйи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавзуи диссертатсияи ӯ бо қарори Шурои олимони Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2022 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Азиззода Убайдулло Абдулло - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ 2 воситаи таълимӣ, 18 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба нашр расонидааст.

Ҳоло сухан ба унвонҷӯ барои баромад то 10 дақиқа дода мешавад.

**Унвонҷӯ**: Алиев Исмоил Исмонович - баромад намуда, доир ба мубрамияти мавзуи интихобкарда мухтасар гузориш манзур намуд.

**Раисикунанда:** муҳтарам муқарризон ва кормандони Марказ ба унвонҷӯ саволҳо бошад, пешниҳод намоед.

**Муқарризон:**

- Саидзода И.Ҳ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Шарофзода Р.Ш. - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессории кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- Куканов А.- номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- Бобокалон Ғ.М. - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузорӣ.

Дар баробари муқарризон дигар иштирокчиёни ҷаласа суолҳои худро ба унвонҷӯ пешниҳод намуда, ҷавобҳои мушаххас гирифтанд.

**Раисикунанда:** агар дигар саволҳо ба унвонҷӯ набошад, ба музокирот мегузарем.

Унвонҷӯ ҳама таклифу эродҳое, ки муқарризон баён доштанд, ба Шумо фаҳмо аст. Агар фаҳмо бошад, ба Шумо бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳои муқарризон ба ҳимоя тавсия карда шавад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи “Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботҳои бандҳои 31-37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия карда шавад.

**Раисикунанда:**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсент** **Саидзода И.Ҳ.**

**Котиб:** **Шеров Ш.З.**

МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ КАДРҲО

20.10.2023